# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

## шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

ба диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ба ҳалли муаммоҳои афзалиятноки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо мақсади тахмини амнияти озуқаворӣ дар вилояти Суғд бахшида шудааст. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ва мутобиқат менамояд.

2. Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисодиёт метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо мақсади тахмини амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогири масъалаҳои мубрами самтҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 фармоиши №14/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо

қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, тахти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 2,2 ч.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Исломзода О.О. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда, бо тасдиқи муқарраротi илмии пешниҳодкардаи муаллиф, инчунин нашриёҳо тасдиқ карда мешаванд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Исломзода О.О. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Комилзода Низомуддин Бегаҳмад – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгохи миллии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Раҷабов Р.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Раҳматзода Ҳ.Б.

номзади илмҳои иқтисодӣ — Набиев И.И.

«20» июни соли 2025